آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

30 декабри соли 2023 Шанбе № 104 (15011)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ҶАШНИ «АРЧАИ ПРЕЗИДЕНТ» ДАР БУХОРО

***«Арчаи Президент» барои бачаҳо ба ҷашни беғубори орзуву ормонҳо табдил ёфтааст. Дар давоми ин тантанаҳо туҳфаҳои Президент ба хурдтаракон ҳадя мегардад, ки ин ба шодии онҳо шодӣ зам мекунад.***

Дар Бухоро ҷашни «Арчаи Президент»-ии вилоят баргузор гардида, дар он тарбиягирандагони хонаҳои бачагони ҳудуд, ятимони комил, кӯдаконе, ки барои парасторӣ ва нигоҳубин гирифта шудаанд, фарзандони собиқ ходимони идораҳои ҳуқуқу тартибот, ки зимни иҷрои вазифа ҳалок гаштаанд, инчунин кӯдакони ногиро даъват гаштанд.



Ҳокими вилоят Ботир Зарифов дар ин тантана гуфт, ки роҳбари давлат ба фарзандони фардои мамлакат меҳру эътибор ва ғамхорӣ зоҳир менамояд. Дар зимн ҳоким кӯдаконро бо Соли нав табрик кард. Ҳоким ба таҳсили онҳо муваффақият хоста, барои фатҳи қуллаҳои баланд ҳидоят намуд.

Ба кӯдакон «Туҳфаҳои Президент» супурда шуд. Онҳо аз воситаҳои таълим ва шириниҳо иборат буд, ки қалби кӯдаконро шод намуд. Ба 538 нафар кӯдаки вилоят дар таркиби «Туҳфаи Президент» табрики Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ба муносибати ҷашни Соли нав, ширинӣ иборат аз 17 навъ, 2 навъ маҳсулоти коргоҳӣ, соати смарт, тахтаи оҳанрабоии синф ва дигар ҳадяҳо дохил гаштааст. Инчунин ба тарбиягирандагоне, ки синнашон аз 12 боло аст, дар таркиби туҳфаҳояшон планшетҳо низ вуҷуд дорад.

Пас аз он дар саҳнае, ки «Арчаи Президент» гузошта шудааст, чорабинии маданӣ сар шуд. Бо иштироки Бобои барфӣ ва Маликаи барфӣ спектакли афсонавӣ дар иҷрои ҷамоаи эҷодии театри вилоят намоиш дода шуд, ки дар он меҳру оқибат, пирӯзии некӣ аз болои бадӣ, ҳидоят аз фарзанди инсон ба некӣ ва корҳои хайр нақл мекунад. Дар атрофи арча, ки хеле идона оро дода шудааст, рақсу шодӣ, таронаву суруд танинандоз гардида, барои бачаҳо як ҷаҳон шодиву ҳаяҷон ва кайфияти аъло ҳадя намуд.

«Арчаи Президент» нафақат дар маркази вилоят, балки дар ҳар шаҳру ноҳия тантанавор ташкил гардида, ба ин муносибат фарзандони оилаҳои эҳтиёҷманд, бепарастор ба он даъват гардиданд.

**Зариф КОМИЛОВ,**
**мухбири ЎзА.**

***Иштироки варзишгарони Ўзбекистон дар чандин мусобиқаҳои атлетикаи сабук, ки ба барномаи Бозиҳои олимпӣ дохил гаштаанд, боз як мисоли равшани он аст, ки ҷавонони зиёд, ки бо ин намуди варзиш мунтазам машғул мегарданд, рӯз то рӯз зиёд мешаванд. Воқеан ҳоло муваффақиятҳои калони атлетикачиёни сабукамон дар арсаи байналхалқӣ мавриди эътироф қарор мегирад.***

## ДАР ЧЕМПИОНАТҲОИ ҚИТЪА ВАРЗИШГАРОНАМОН СОҲИБИ 38 МЕДАЛ ГАРДИДАНД

Дар мавсими варзишии соли 2023 атлетикачиёнамон дар чандин мусобиқаҳои бонуфуз иштирок намуданд. Миқдори медалҳое, ки дар қитъаи Осиё ба даст омадаанд, аз натиҷаи баланд нисбат ба соли гузашта далолат менамоянд. Дар чемпионати қитъа бинобар тамоми тоифаҳои синну сол 12 медали тилло, 15 нуқра ва 11 медали биринҷӣ, яъне ҳамагӣ 38 медал ба даст оварданд. Ба туфайли ин натиҷа 8 намояндаи Ўзбекистон ба таснифи даҳгонаи беҳтарини қитъа дохил гардиданд.

Аз он ҷумла, натиҷаи мусобиқаҳое эълон гардиданд, ки ба тақвими Ассотсиатсияи байналхалқии атлетикаи сабук дохил шудаанд, бинобар он Екатерина Воронина бо 6098 хол дар ҳафтҳарба мақоми дуюмро ишғол намуд. Дар ҷаҳиши сегона Шарифа Давронова натиҷаи 14,09 нишон дода, дар тасниф ҷои сеюмро ишғол кард. Светлана Радзивил ва Сафина Саъдуллоева, ки дар сабқати ҷаҳидан ба баландӣ ширкат намудаанд, натиҷаи якхела – 1,86 метр нишон доданд. Ба туфайли ин онҳо дар рӯйхат сатри шашумро соҳиб гардиданд. Дар сатри даҳум бошад, Фарида Солиева ҷой гирифтааст, ки масофаи 400 метрро бо натиҷаи 52,94 тай намудааст. Инчунин дар ин ҷадвал Анвар Анваров дар ҷаҳидан ба дарозӣ мақоми шашум, Сӯҳроб Хоҷаев дар ядроандозӣ мақоми ҳафтум, Шоҳрух Давлатов оид ба марафон ҷои ҳаштумро ишғол кардаанд.

Ба ҷадвали тасниф инчунин боз чандин варзишгарони наврас ва ҷавонамон дохил гаштаанд.

**Ҷавоҳир ТОШХОҶАЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

## ИФОДАИ АМАЛИИ ТАҲАММУЛПАЗИРИИ БА ХАЛҚИ МО ХОС

***Дар кишварамон гиромидошти қадри инсон, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯ, таъмини зиндагии осуда ва фаровонии аҳолӣ, ба куллӣ беҳтар намудани шароити зиндагии мардум дар солҳои охир ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.***

Асоси сиёсати башардӯстонаи сарвари давлатамонро манфиатҳои куллии мардуми мо ташкил медиҳанд, ки ба ғояҳои нав асос ёфтааст ва ин сиёсат бевосита ба ҳифзи ин манфиатҳо нигаронида шудааст. Ислоҳоти пай дар пай дар давраи гузашта дар кишвар натанҳо дар рақамҳо, балки дар ҳаёти ҳаррӯзаи аҳолӣ, рӯзгузаронӣ, дасторхони он таҷассум ёфтааст.

Зиёда аз ин, дар ҳафт соли охир таваҷҷуҳ ва муносибат ба инсон ба куллӣ тағйир ёфт. Бобати бахшидани афроди аз роҳи рост гумроҳшуда ва ба ҳаёти солим баргардонидани онҳо, таҳкими фазои сулҳу ваҳдат дар оила, маҳалла ва ҷомеа корҳои назаррас анҷом дода шуданд. Дар арафаи санаҳои муҳим бисёр шахсоне, ки ҷиноятҳои муайян содир намуда, вале аз кирдорашон аз сидқи дил пушаймон шуда, роҳи ислоҳро пеш гирифтаанд, авф карда шуданд.

Дар остонаи 31-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон Фармони Президент «Дар бораи авф кардани як гурӯҳ шахсоне, ки муҳлати ҷазоро адо намуда, аз кирдорашон самимона пушаймон шуда, дар роҳи ислоҳшавӣ устуворона қарор доранд» ба имзо расид, ки далели сиёсати халқӣ ва инсонпарваронаи Сарвари давлатамон мебошад.

Тибқи ин Фармон 334 нафар шахсоне, ки дар муассисаҳои ислоҳотӣ ва мақомоти пробатсия барои ҷиноятҳои тибқи моддаи 109, банди 23-юми Конститутсияи мо содиркардаашон ҷазоро адо намуда, аз кирдорашон самимона пушаймон шудаанд ва бо қатъият ба роҳи ислоҳшавӣ гузаштаанд, бахшида шуданд. Ин чунин маъно дорад, ки он ба ин қадар оилаҳо шодию хурсандӣ ва умед овард.

Бартарии ниҳоди авф, равиши одилона ба манфиати ҳарду ҷониб буда, манфиати ҷабррасонда ва ҷабрдидаро ҳимоя мекунад. Муҳимтар аз ҳама, ин санад, ки аз номаш бармеояд, танҳо ба маҳкумшудагон дахл дорад, ки аз кирдори худ самимона пушаймон шуда барои ислоҳ шудан аҳд доранд.

Бе муболиға гуфтан мумкин аст, ки ин фармони Сарвари давлатамон барои бисёр одамон, оила ва наздикони онҳо туҳфаи ҳақиқии идона гардид. Аллакай мувофиқи ин санад шахсоне, ки надониста ҷиноят содир кардаанд, ҳоло аз кирдори худ пушаймон шуда, ҷазои худро сипарӣ мекунанд ва онҳое, ки аз кирдорашон самимона пушаймон шуда, ба роҳи ислоҳ қатъӣ гузаштаанд, авф карда шуданд.

Дар ин кори хайр, ки дар арафаи 31-солагии қабули Қомуси асосии мо ба амал омад, мазмуни амиқ ниҳон аст. Ин далели равшани ба амал баровардани ваколатҳои конститутсионии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон оид ба авф мебошад. Дар баробари ин, он ҳамчунин намунаи амалии сиёсати башардӯстонаи кишвари мо ва фазилатҳои неки мардуми мо, аз қабили таҳаммулпазирӣ, бахшандагӣ, олиҷанобӣ ва накӯкорӣ мебошад.

Аз шахсоне, ки бо фармон авф шудаанд, 34 нафар аз ҷазои асосӣ пурра ва 249 нафар аз адои ҷазо пеш аз мӯҳлат озод карда шуданд. Ҳукми маҳрум сохтан аз озодӣ ба 6 нафар бо ҷазои сабуктар иваз карда шуд. Ба 45 нафар шахс муддати ҷазои аз озодӣ маҳрум кардан кӯтоҳ карда шуд.

Бояд гуфт, ки муоширати мунтазам бо шаҳрвандони авфшуда, ҳалли мушкилоти онҳо, посухи пурра ба саволҳои онҳо омили хеле муҳими зуд мутобиқ шудан ба ҷомеа ва пайдо кардани ҷойгоҳи худ мебошад.

Сарвари давлатамон натанҳо маҳкумшудагонро аз ҷазо озод кард, балки ба вазорату идораҳои масъул ҷиҳати ба оила ва наздиконашон баргаштан, ба ҳаёти иҷтимоӣ мутобиқ шудан, ба меҳнати фоиданок машғул шудан, ташаккули тарзи ҳаё-ти солим, дар ҷамъият мавқеи сазовор пайдо кардан супоришоти дахлдор дод, ки мисоли равшани фазилати олиҷанобии башардӯстӣ гардид.

Мухтасар ифода намоем, эътимод — хотирҷамъӣ, эҳсосот ва неруест, ки мардумро ба ҳаракат даъват мекунад, ки бояд дар ҳар як инсони зинда ва ҷомеа мавҷуд бошад. Ин, бешубҳа, ба муттаҳид шудани тамоми халқ, афзудани боварии онҳо ба фардо, мустаҳкам шудани фазилати некхоҳӣ дар ҷамъияти мо хидмат мекунад.

**Мавҷуда ҲАСАНОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

## ГУЗАРГОҲҲОИ ЗЕРИЗАМИНИИ БУХОРО

***Маълум аст, ки дар роҳҳо ҳаракати автомобилҳо рӯз то рӯз зиёдтар шуда, барои пиёдагардон низ ҳангоми аз як сӯ ба тарафи дигари роҳ гузаштан хатари ҳаракати роҳ хеле афзудааст. Боиси хушнудист, ки бо мақсади пешгирӣ намудани ҳар гуна нохушиҳои эҳтимолӣ чораю тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.***

Мувофиқи қарори Президенти мамлакат аз 25 октябри соли 2022 «Дар бораи чораю тадбирҳои иловагии боз ҳам беҳтар кардани инфрасохтори маҳаллаҳо дар солҳои 2022-2023» дар қисми 258,5-километри роҳи автомобилии М-37 «Самарқанд – Бухоро – Туркманбошӣ», ки бо «Бозори деҳқонии Галаосия» ҳамшафат аст, сохтмони роҳи зеризаминии пиёдагардон моҳи июни соли ҷорӣ оғоз ёфта буд. 26 декабри соли равон ин ҷараён поён ёфта, гузаргоҳ ба истифода супорида шуд. Дарозии ин гузаргоҳ 40 метр, бараш 4 метр, баландиаш 2,5 метр аст. Иншоотро Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Фаровон йўл сервис» бо дархости корхонаи унитарӣ-давлатии «Дирексияи сохтмон ва таъмири роҳҳои автомобилии истифодаи умумӣ» бунёд карданд ва барои ин 9,1 миллиард сӯм маблағ харҷ гардид. Ин гузаргоҳ дар арафаи соли нав ба аҳолӣ туҳфаи муносиб шуд.





Маросими ба истифода супорида шудани ин объект ранги идона гирифт. Дар он мутасаддиёни вилоят, шаҳру ноҳия, роҳбарони дахлдор аҳли ҷамоат ва намояндагони ВАО иштирок карданд.

Хокими вилоят Ботир Зарифов ва дигарон ҷамъомадагонро бо бунёдкории хеле муҳим, ки баҳри манфиатҳои инсон хидмат мекунад, муборакбод намуданд. Сипас лентаи рамзӣ бурида шуда, ҳозирон сӯи гузаргоҳ қадам ниҳоданд. Бояд таъкид намуд, ки худи ҳамон рӯз боз дар се ҷои шаҳри Бухоро: автовокзали «Ҷондор», кӯчаи «Қаюм Муртазоев», кӯчаи «М. Иқбол»-и назди ДДБ низ гузаргоҳҳои зеризаминии пиёдагардон ба истифода супурда шуд ва миқдори умумии онҳо ба ҳаштто расид.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

## «ХАТТОТӢ ВА ФАЛСАФАИ ОН»

***Дар осорхона-мамнӯъгоҳи Арки Бухоро таҳти ҳамин унвон конференсия баргузор гардид.***

Маълум аст, ки асарҳои илмию адабии гузаштагони бузурги мо ба туфайли ҳунари хаттотӣ то замони мо омада расидааст. Асрҳои XIV-XVI дар минтақаҳои гуногуни Осиёи Миёна аз ҷумла, дар Бухоро ин санъат рушд ёфта, Миралии Ҳиравӣ (вафоташ соли 1557), Мирубайди Бухороӣ (вафоташ соли 1601), Мирҳусайни Кӯланкии Бухороӣ (асри XVI), Сайид Абдуллоҳи Бухороӣ (вафоташ соли 1647), Ҳоҷӣ Ёдгор (вафоташ соли 1663), Пирмуҳаммад Сӯфии Бухороӣ, Мирзои Бухороӣ, Султон Муҳаммади Бухороӣ, Абдураҳмон Барқии Муншӣ (асри XV), Иноятулло Котиб (асри XVII), Мирзо Абдураҳмон (асри XVIII), Фозили Девона (асри XIX), Аҳмади Дониш (1826-1897), Бобобек (асри XIX), Мирзо Маҳдихон (асри XIX-XX) ва амсоли онҳо дар ин росто хидматҳои арзанда кардаанд. Дар фонди дастхатҳои Арк намунаи асарҳои онҳо боқист. Аксарияти онҳо рӯзи конференсия ба намоиш гузошта шуд.

Дар тадбир ҷонишини директори осорхона-мамнӯъгоҳ Ҷ. Халилов, проректори Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Ш. Воҳидов, дотсенти Донишгоҳи омӯзгории Тошканд Н. Хидирова, профессори ДДБ З. Амонова ва дигарон бобати нақши хаттотӣ дар ҳаёти маънавӣ ва маърифатии минтақа, ташаккулёбии ҳунари китобат, омӯзиши дастхатҳо изҳори ақида намуданд.

Ҳозирон бо экспонатҳои намоишгоҳ шинос шуданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

## МАҶАЛЛАИ БОНУФУЗИ “FORBES” ЎЗБЕКИСТОНРО БА РӮЙХАТИ ҶОЛИБТАРИН САМТҲОИ САЙЁҲӢ ШОМИЛ КАРД

***Яке аз мӯътабартарин ва маъруфтарин нашрияҳои иқтисодии ҷаҳон, маҷаллаи амрикоии “Forbes” дар бораи маконҳои аҷиби сайёҳии ҷаҳон, ки бояд дар соли 2024 дидан кунанд, мақолае нашр кард.***

Нашрия Ўзбекистонро яке аз беҳтарин маконҳои сайёҳӣ дар соли 2024 номида, ба хонандагонаш тавсия додааст, ки аз кишвари мо дидан кунанд.

«Ўзбекистон ёдгориҳои беҳтарини таърихии давраи Роҳи абрешим, инчунин кӯҳҳои боҳашамат ва пойтахти ояндадори Ўзбекистон – Тошкандро пешкаш мекунад», – оварда мешавад дар мақола суханони ноиби президенти нашири дар ҷаҳон машҳури раҳнамоҳои “Lonely Planet” Том Холл.

Дар матлаб ҳамчунин гуфта мешавад, ки барои сафар ба манотиқи кишвар қатораҳои қулай ва арзон ба роҳ монда шудаанд. «Барои сайёҳони амрикоӣ ба Ўзбекистон ҳафтае чанд парвози мустақим аз Нью-Йорк вуҷуд дорад. Ҳамчунин транзит тавассути Сеул ва Истанбул барои сайёҳон қулайӣ фароҳам меорад», – гуфта мешавад дар мақола.

Қобили зикр аст, ки дар соли 2022 “Forbes” аллакай Ўзбекистонро ба феҳристи 50 минтақаи беҳтарини сайёҳӣ шомил кардаа буд.

Ёдовар мешавем, ки маҷаллаи “Forbes” яке аз бонуфузтарин нашрияҳои иқтисодии ҷаҳон аст. Ин дуввумин маҷаллаи тиҷоратӣ дар Иёлоти Муттаҳида пас аз “Bloomberg Businessweek” бо теъдоди беш аз 900 ҳазор нусха аст. Маҷалла бо пажӯҳишҳои боҷуръат ва арзёбии воқеъбинона ба рӯйдодҳои ҷаҳони тиҷорат ва нашри рӯйхатҳо ва рейтингҳои мухталиф низ маъруф аст. Дар ҳар шумораи маҷалла зиёда аз 60 мақолаи таҳлилӣ дар бораи ширкатҳо ва роҳбарони эҷодии онҳо нашр мешавад. Шумораи умумии аудиторияи маҷалла дар саросари ҷаҳон тақрибан 5 миллион нафарро ташкил медиҳад.

**АИ «Дунё»,**
*ВАШИНГТОН*

# ҲАМВАТАНОНИ БУРУНМАРЗӢ:

## бигзор Соли нав барои кишвари мо соли комёбиҳо ва шукуфоӣ бошад

Дар ин рӯзҳо ӯзбекистониҳо аз тамоми гӯшаю канори ҷаҳон ба халқи Ӯзбекистон ба муносибати Соли Нав табрики солинавӣ мефиристанд. Ҳамватанони дур аз Ватани мо ваҳдат ва муттаҳидӣ нишон дода, ба кишвари худ ва халқи Ӯзбекистон муҳаббату садоқати самимӣ баён мекунанд.

**Ҳамватани фаъоли мо Замира ОРТИҚОВА, ки дар Британияи Кабир зиндагӣ мекунад:**

– Аз номи ҳамватанони бурунмарзӣ, махсусан дар Британияи Кабир ҳамаи шуморо бо фарорасии соли 2024 самимона табрик мегӯям! Ҳамаи мо як нияту хоҳиш дорем, ки ҳар як оила, ҳар як сокини мамлакатамон ба мақсади наҷиби худ ҳатман расад. Бигзор Ӯзбекистони маҳбубамон ҳамеша гул-гул шукуфад.

Бигзор соли омадаистодаи 2024 ба Ватанамон файзу баракат, комёбиву бурдбориҳои нав орад.

Соли нав муборак!

**Ҳунарпешаи синамо, ҳамватан дар Малайзия Далер ҲАМРОҚУЛОВ:**

— Салом, дӯстони азиз! Ман 10 сол боз дар Малайзия зиндагӣ мекунам ва ҳоло ба ҳайси актёр ифои вазифа дорам.

Имрӯз ман дар чорабиние, ки дар сафорати Ӯзбекистон дар Куала-Лумпур ба муносибати Соли нав ташкил шуда буд, ширкат кардам.

Аз фурсат истифода бурда, мехостам мардуми Ӯзбекистон ва ҳамватанонамон дар Малайзияро бо Соли нав муборакбод намоям! Бигзор он ба ҳама хушбахтӣ, омад ва сулҳу осоиштагӣ биёрад!

**Аспиранти мактаби тиҷоратии фаронсавии «ESAM Paris» Ҳумоюн БОБОЕВ:**

– Аз номи ҷавонони Ӯзбекистон дар Фаронса шуморо бо солиояндаи 2024 самимона табрик мегӯям.

Соли 2023 барои ҷавонони Ӯзбекистон дар Фаронса соли пурсамар гардид. Аз ҷумла, дар баҳор форуми байналхалқии «Ӯзбекистониҳо. Тавлиди ғояҳо», тобистон – чемпионати гӯштингирӣ барои ҷоизаи Президенти Ӯзбекистон ва як қатор дигар чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ баргузор гардид.

Фикр мекунам, ки соли 2024 низ пур аз лоиҳа ва нақшаҳои нав хоҳад буд.

Бигзор Соли нав барои кишвари мо соли комёбиҳо ва шукуфоӣ бошад. Таманно дорам, ки дар тамоми соҳаҳо рушди устувор, бурдбориву комёбиҳои нав ба даст оред.

Бигзор, табъи идона дар давоми сол ҳеҷ яке аз моро тарк накунад.

**Донишҷӯйи Донишгоҳи забонҳои хориҷии Пекин Усмонхон Масъудхон:**

– Ҳама ҳамватанонро бо фарорасии Соли нави милодӣ табрик мегӯям. Ба шумо саломатии бардавом, барори кор, бахту саодат дар таҳсил ва меҳнат муваффақиятҳои калон орзумандам.

Боиси хушнудист, ки имрӯз мамлакати мо пешравии назаррас дорад. Дар баробари ҳамаи соҳаҳо ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи калон дода мешавад. Мо дар донишгоҳҳои бонуфузи хориҷи кишвар аз имкониятҳои васеъе, ки барои мо барин ҷавонон фароҳам оварда шудааст, истифода бурда, илм меомӯзем.

Ҳоло ман дар Чин донишамро такмил дода истодаам. Мехоҳам дар оянда таҷрибаи Чинро дар соҳаи маориф омӯхта, дар рушди минбаъдаи ин соҳа дар кишварамон саҳм гузорам.

**Магистранти Донишгоҳи давлатии Новосибирск Шоҳрух Мадаримов:**

– Аз номи донишҷӯёни ӯзбекистонӣ, ки дар Новосибирск таҳсил мекунанд, тамоми ҳамватанони моро бо фарорасии соли 2024 табрик мегӯям!

Соли 2023 ба охир мерасад – Соли гиромидошти инсон ва таълими босифат дар ҳаёти мо осори дурахшоне мегузорад. Дар тӯли сол ба шарофати таваҷҷуҳ ба ҷавонон, шароит ва махсусан имкониятҳое, ки барои таҳсили мо фароҳам оварда шудаанд, ба пешравиҳои назаррас ноил гардидем.

Мо, ҷавонон, кӯшиш менамоем, ки дар баланд шудани обрӯи байналмилалии мамлакатамон ҳисса гузорем.

Бо истифода аз фурсат, мо ҳамсолони худ, ки дар муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар таҳсил мекунанд, ҳамватанон ва одамони фидокореро, ки моро дар Ӯзбекистон пайваста дастгирӣ мекунанд, табрику таҳният гуфта, ба ҳамагон сулҳу оромӣ ва шукуфоӣ таманно дорем.

Бигзор соли 2024 ба ҳамагон хушбахтиву шодӣ оварад, дар кишвари мо ҳамеша сулҳу оромӣ ҳукмфармо бошад!

Соли нав ба ҳамаи мо муборак бошад!

**АИ «Дунё».**

# МЕҲНАТИ НИМАСРИНАИ МУАЛЛИМА ҚАДР ЁФТ

Бонувон модари мушфиқу меҳрубон, кадбонуи хонадон, сарфагари сари оташдон, сариштаи зиндагиву насиҳатгуйи рӯзгори мо ҳастанд. Дасти пуробилаи модарон аз умри пурмашаққати умри онҳо дарак медиҳад. Ба қавле, онҳо бо як даст гаҳвора, бо дасти дигар дунёро меҷунбонанд.

Қаҳрамони лавҳаи мо, барандаи озмун-азназаргузаронии миллии ҷумҳуриявии «Бонуи сол», омӯзгори тоифаи олӣ Рӯзигул Орзуқулова чилу ҳашт сол боз аз пайи ин пеша нон меҳӯрад.



– Ман зодаи деҳаи Пораштам. Бачагиям ҳам дар онҷо сипарӣ шудааст, – ба хотир меоварад Рӯзигул.

– Дар панҷсолагӣ аз падар ятим мондам. Маро амакам Умурбек парасторӣ кард. Мактаби зодгоҳамро бо медали тилло хатм карда, барои идомаи таҳсил саъй намудам. Дар ибтидо хонаводагиҳо розӣ нашуданд. Дар он аҳд (солҳои ҳафтодуми қарни сипаригардида) барои таҳсили духтарон дар омӯзишгоҳу мактабҳои олӣ чандон розигӣ намедоданд. Зеро мушкилоти ба шаҳр рафта таҳсил карданро ба инобат мегирифтанд, ки ман аз ин ҳаргиз наранҷидаам.

Вале баъди он, ки Рӯзигул ҳадафашро назди наздикон матраҳ кард, яъне гуфт, ки хонда, боз омада дар мактаби деҳа ба толибилмон дарс медиҳад, онҳо розигӣ доданд. Солҳои 1974-76 дар Омӯзишгоҳи омӯзгории Ҷиззах хонда, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ гардид. Ӯро ба мактаби рақами 25-уми ноҳияи Шароф Рашидови ҳозира (он вақт Ҷиззах ном дошт) ба кор фиристоданд. Бо тақозои сарнавишт ба деҳа барнагашт. Оила бунёд кард. Бо кумаку дастгирии наздикони шавҳараш дар факултаи таълими синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Ҷиззах таҳсил гирифт. То соли 2004 дар як мактаб кор карда, сипас ба мактаби рақами 26-уми шаҳри Ҷиззах гузашт.

Аз соли 2004 то ҳол дар ин мактаб кору фаъолият дорад.

Маълум аст, ки ҳар сол чун анъана озмун-азназаргузаронии миллӣ таҳти унвони «Бонуи сол» гузаронида мешавад. Ин ва як озмуни дигар «Фаъоли баробарии гендерӣ» бевосита бо ибтикори Сенати Олий Маҷлис ва Кумитаи оила ва бонувони ҷумҳурӣ баргузор мегарданд, ки барои дар ҷомеа таъмин намудани баробарҳуқуқӣ, рӯйи об баровардани салоҳияту таъмин сохтани ҳифзи ҳуқуқи бонувон равона гардидаанд.

Имсол марҳилаи аввали озмун-азназаргузаронӣ моҳҳои октябр-ноябр шуда гузашт. Дар он беш аз се ҳазор бонувон ширкат ҷустанд ва аз рӯйи се шарт қувва озмуданд.

Дар марҳилаи ҷумҳуриявии ин озмун-азназаргузаронӣ омӯзгори тоифаи олӣ Рӯзигул Орзуқулова дастболо шуд ва аз номи Президент ҳамчун ҷоиза мошини сабукравро туҳфа гирифт.

– Ҳангоми аз дасти раиси Сенат Танзила Норбоева калиди мошин – ин мукофоти олиро мегирифтам, чашмонам аз ғояти хурсандӣ пури ашк шуданд, – мегӯяд Рӯзигул. – Пеши назарам меҳнати сангини чилуҳаштсола, мушкилиҳои зиндагӣ, шодиву ғамҳоям падид омаданд. Танҳо:

«Ба ҳамаатон ташаккур! Аз Сарвари давлат, муҳтарам Шавкат Мирзиёев миннатдорам!», – гуфта тавонистам.

Дарвоқеъ, то ба ин марҳила расидан осон набуд. Ҳоло барои дар ҷомеа ба омӯзгору пешаи пуршарафи омӯзгорӣ эътиборро афзудан шахсан Сарвари давлат саъй менамоянд. Дар соҳа ислоҳоти зиёд татбиқ мешаванд.

Баъди вафоти бемаҳали ҳамсараш тамоми мушкилиҳои зиндагӣ бар дӯши Рӯзигул афтоданд. Чор писару ду духтарро ба камол расонд. Ҳамаи онҳо, ҳатто келинҳояш ҳам, соҳиби ин ё он ихтисосанд.

Албатта, баъди дарёфти ин пирӯзӣ журналистон аз ҳамаи расонаҳо омада, муаллимаро сидқан табрик гуфтанд. То ҳол менависанд. Сардабири маҷаллаи бонувон «Саодат», шоираи ширинкалом Мунаввара Усмонова аз ҷумла гуфт:

– Хуб шуд, ки барои нашрияи мо ҳам қаҳрамонҳои арзанда ёфт шуданд. Хушбахтона, ҳафтод дар сади иштироккунандагони озмун-азназаргузарониҳои «Бонуи сол» ва «Фаъоли баробарии гендерӣ» бонувони омӯзгоранд. Ин аз он далолат медиҳад, ки барои насли ояндаи ҷомеа бонувон таълиму тарбия медиҳанд, ба дили наврасону ҷавонон меҳри модарона ато менамоянд.

Ба ин гуфтаҳои ҳаққонӣ наметавон чизе зам кард.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

*Соб деҳаи зебоманзарест дар бағали кӯҳпояи Нурато. Деҳа мактаби таълими ҳамагонӣ ва бунгоҳи тиббӣ дорад.*

# БА СОБ АНТЕННАИ МОБИЛӢ ОМАД

Мардуми деҳа, ба вижа омӯзгорон ва волидоне, ки фарзандонашон дар мактаб таҳсил доранд, дар истифодаи гӯшакҳои мобилӣ тангдастӣ мекашиданд. Дар арафаи Соли нав ин муаммо ҳалли худро пайдо кард.

Дар деҳа аз ҷониби шуъбаи вилоятии ширкати «Ucell» антеннаи мобилӣ гузошта шуд. Туҳфа дар арафаи Соли нав мардуми деҳаро шод ва мушкилоташонро осон гардонид.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ПУЛИ «ЧИЛМАҲРАМ» БАРОИ ТАҲКИМИ ДӮСТӢ ВА ҲАМКОРӢ ХИДМАТ ХОҲАД КАРД

***Ӯзбекистон кишварест, ки дар он қадру манзалати инсон новобаста аз забон, миллат ва эътиқоди динӣ қобили эҳтиром мебошад. Барои ҳар як шаҳрванд шароите фароҳам оварда шудааст, ки салоҳият ва маҳорату малакаашро тавассути кору фаъолияти дилхоҳ дар амал татбиқ созад ва соҳиби ҳурмати баланд шавад.***

Ҳоло дар тамоми соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ ислоҳоти доманфарох пиёда мешаванд. Мардуми сермиллати он барои бунёди давлати озоду обод ва тавоно, амалӣ шудани орзуҳои милливу маънавии худ дар фазои ваҳдату ҳамгироӣ ҳамеша талош ба харҷ медиҳанд.

Чанде муқаддам Президент Шавкат Мирзиёев зимни ташриф ба вилояти Фарғона бо лоиҳаҳои бузурги соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат аз наздик ошно шуд, аз корхонаҳои нави истеҳсолӣ боздид намуд, ба ҳаёти маҳаллаҳо таваҷҷуҳ зоҳир кард. Сарвари давлат рушди нуқоти ҳар як минтақаро таъкид варзид ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, ба манбаи даромади мардум табдил додани онро аз ҳадафҳои афзалиятноки сиёсати давлатамон арзёбӣ кард.

Шавкат Миромонович зимнан роҳҳои истифодаи имкониятҳои минтақаи наздисарҳадӣ дар ноҳияи Бешарикро дар меҳвари таваҷҷуҳ қарор дод. Вай тақозо намуд, ки корҳои мадди назар ҷиҳати сохтмони пули болои рӯдхонаи Сир бо сифати баланд ва дар муддати кӯтоҳ фарҷом пазирад. Зеро ба охир расидани корҳои сохтмонии ин пул, ки ноҳияи Бешариқи вилояти Фарғонаро бо вилояти Суғди Тоҷикистон васл менамояд, аҳамияти байналмилалиро касб хоҳад кард.

Ҳоло як қатор корҳои сохтмонии он ба анҷом расидааст. Мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани пул роҳи рафтуомади мустақимро ба панҷ баробар коҳиш хоҳад дод. Дар натиҷа Бешариқ ба як минтақаи транзитӣ табдил хоҳад ёфт ва аз он ҳудуди 600 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон истифода хоҳанд кард.

– Муҳимтар аз ҳама, дар сурати мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани пул ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии ду кишвар густариш ёфта, ободии рустоҳои наздимарзӣ таъмин хоҳад шуд, – мегӯяд ёвари ҳокими ноҳия оид ба масоили марзӣ Ӯктамҷон Эргашев.

Вай меафзояд, ки сохтмони ин пул ҳанӯз соли 1986 оғоз ёфта буд. Аммо баъд он мутаваққиф шудааст. Дарозии умумии он 231 метр буда, дар самти муқобил, ки марбути Тоҷикистон мебошад, аллакай се қабат бетонҳои оҳанин ба дарозии 131 метр хобонида шудаанд. Сохтану монтаж кардани пояҳои пули ҷониби Ӯзбекистон низ ба охир расидааст.

– Бо сохтан ва ба истифода додани пул алоқаи бевоситаи як қатор ноҳияҳои вилояти Суғди Тоҷикистон хеле сода мегардад. Ба таври мисол, дар айни ҳол сокинони ноҳияи Исфара, ки мехоҳанд ба ноҳияи Ашт бираванд, тавассути Конибодом ба Хуҷанд мегузаранд ва дар маҷмӯъ 200 километр роҳ тай карда, ба Ашт мерасанд. Аммо тавассути ноҳияи Бешариқ ин масофа панҷ баробар кам шуда, имкон фароҳам меорад, ки ҳамагӣ 40 километр роҳи ҳамвору равон зуд тай карда шавад. Барои сокинони шаҳрҳои Конибодом ва Хуҷанд ин масофа ба се баробар коҳиш меёбад, – тазаккур медиҳад Ӯктамҷон Эргашев.

Аз чунин дигаргунӣ бештар аз ҳама сокинони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Навкати ноҳияи Бешариқ, ки дар минтақаи марзӣ воқеъ гаштааст, хурсанду хушҳол мегарданд.

– Пули мазкур дар 12 километр дуртар аз маркази ноҳия воқеъ аст. Сокинон ба ин пул «Чилмаҳрам» ном гузоштанд. Сабаб дар он аст, ки дар шафати ин пул зиёратгоҳи «Чилмаҳрамбобо» мавҷуд аст. Барои ҳамин номи пул бо номи зиёратгоҳи мазкур тавъам мебошад, – мегӯяд раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Навкат Талъатҷон Ортиқов.

– Ҳаргиз аз лавҳи хотир фаромӯш намешавад, ки ба таъзияи холаам, ки ба хешовандонамон арӯс шудааст, рафта натавонистем ва ҳамеша аз ин ҳол афсӯс мехӯрем. Худи ман 20 сол мешавад, ки аз ноҳияи Ашт ба ҷамоати маҳаллаи Навкат арӯс шуда омадаам. Ба ҳавлии падарӣ дар моҳу сол яку ду бор базӯр рафта меомадам, фарзандонамро ҳамроҳи худ бурда наметавонистам. Пушаймон нестам, ки аз ноҳияи Ашт ба ин ҷо арӯс шудаам, вале падару модарам солҳои дароз аз дидори набераҳои худ маҳрум буданд. Фарзандонам низ онҳоро дуруст намешинохтанд. Ҳоло шукр, ки замонаҳо дигар шуду равуоҳо осон гардид, – мегӯяд бо қаноатмандӣ Умедахон ном зани навкатӣ.

Ҳамсари Муродҷон Шерматов – Норинисо аз деҳаи Ӯрмонтоли ноҳияи Ашт ба сокини ноҳияи Бешариқ издивоҷ кардааст. Ба гуфтаи ӯ дар айни ҳол агар тавассути гузаргоҳи Андархон ба ноҳияи Ашт рафтанӣ шавад, як-якуним рӯз сипарӣ мешавад. Аммо агар пули «Чилмаҳрам» кушода шавад, дар як соат ин масофаро тай кардан имконпазир мегардад.

Сокини дигари ноҳия Саъдулло Тӯхтақулов 84 сол дорад. Вай солҳои зиёд раиси маҳалла низ шуда кор кардааст. Бобои 8 фарзанд, 30 набера, 26 абера мебошад. Ду духтараш ба писарҳои хешони аштии ӯ издивоҷ кардаанд.

– Агар пул ба кор андохта шавад, бо духтарҳову набераҳоям тез-тез рӯ ба рӯ мешавам, – мегӯяд Саъдуллоамак Тӯхтақулов.

Ба иттилои ҳокимияти ноҳияи Бешариқ дар ҳамин ҳол ҷиҳати бунёди ин пул байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистони ҳамсоя меморандуми ҳамкорӣ ба имзо хоҳад расид. Ба гуфтаи ин мақомот тезондани имзои меморандум ва тезондани корҳои сохтмони пул барои халқҳои ҳар ду мамлакат хеле муҳим аст. Зеро ин пул барои рушди минбаъдаи равобити тиҷоратию иқтисодӣ, ободонии инфрасохтори минтақаҳо, афзоиши даромади аҳолӣ, мустаҳкам гардидани робитаҳои барқароршудаи хешутаборӣ ва қудову андагии ду халқ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

**Дурдона ҒАФФОРОВА,**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## ХАБАРҲО

### БОЗОРҲОИ ПОЙТАХТ ДАР АРАФАИ ИД

***Дар арафаи Соли нав бозорҳои шаҳри Тошканд аз ҳарвақта серодамтар. Ба хотири ороиши дасторхони солинавӣ одамон маҳсулоти хушсифат мехаранд.***

Ҷуз ин дар ҳудуди қариб ҳамаи бозорҳо, минҷумла дар қаламрави бозорҳои деҳқонии Юнусобод, Мирободу, Мирзо Улуғбек, Сергелӣ, Олмазор, Учтеппа ва ғайра ярмаркаҳое ташкил карда шудаанд, ки бо нархи арзон савдо мекунанд. Сарпрокуратураи ҷумҳурӣ аз болои беасос боло бардошта шудани нархҳо назорат менамояд.

Қобили таваҷҷуҳ боз он, ки дар арафаи Соли нав ташкил карда шудани барномаҳои маданӣ дар ҳудуди бозорҳо ба мардум рӯҳияи идона мебахшад.

### АФРӮЗА ДАР САФИ ПЕШҚАДАМОН

***Дар чемпионати ҷаҳон оид ба навъи рапиди шоҳмот, ки дар Самарқанд баргузор гардид, дар байни вакилҳои ӯзбекистонӣ Афрӯза Ҳамдамова ба беҳтарин натиҷа ноил шуд.***

Вай аз байни 117 нафар шоҳмотбоз ҷойи 34-ро ишғол намуд. Навъе огоҳем, Афрӯза дар чемпионати ҷаҳон оиди шоҳмот байни духтарони то 14-сола, ки чанде пеш рӯйи кор омад, ғолиб омад ва шарафи шоҳмоти Ӯзбекистонро баланд бардошта буд.

Дигар аз вакилҳои диёри мо Умеда Амонова бо 5,5 хол ҷойи 57-ро ишғол намуд. Медали тилло ба шоҳмотбоздухтари русиягӣ Анастасия Бондарчук насиб кард. Айни замон намояндаи шоҳмоти Ҳиндустон Хампӣ Конеру ва шоҳмотбози чиноӣ Лэй Тинсзе дар қатори болои ҷадвал ҷой гирифтанд.

### ОБУ ҲАВО ДАР АРАФА ВА РӮЗҲОИ АВВАЛИ СОЛИ НАВ

***Навъе Агентии хидмати Ӯзгидромет хабар медиҳад, сокинони Ӯзбекистон имсол низ Соли навро бебарф истиқбол хоҳанд гирифт.***

Рӯзи 29 декабр бороне, ки дар як қатор ҳудудҳо борид, ба барф табдил ёфт, аммо бинобар мулоимии ҳаво замин сафед нашуд. 30 декабр ҳаво то дараҷае сард шавад ҳам боришот ба амал намеояд, гуфта мешавад дар хабар. 31 декабр ва 1 январ низ рӯзҳои бебориш. Дар пойтахт ҳаво батадриҷ гарм шуда, то 10–13 дараҷа мебароияд. Рӯзи 2 декабр ҳавои хушк боқӣ мемонад, аммо ҳарорат андаке мефуроияд (6–9 дараҷа гарм).

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



*Дар қисми ҳарбии тобеи Қӯшунҳои сарҳадии ХБД Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ноҳияи Булоқбошии вилояти Андиҷон таҳти шиори «Ҳифзи Ватан – қарзи муқаддас» чорабинӣ баргузор гардид.*

*Дар доираи моҳонаи ватанпарварӣ ба мақсади дар рӯҳи ҳарбию ватанпарварӣ тарбия кардани ҷавонон, шавқмандгардонии онҳо ба касби ҳарбӣ, намоиш додани қудрати ҷангии Нируҳои Мусаллаҳ дар чорабиние, ки бо ҳамдастии қисми ҳарбӣ ва шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия созмон дода шудааст, сарбозони қисми ҳарбӣ ва омӯзгорону толибилмони мактабҳои таълими ҳамагонӣ иштирок намуданд.*

*Техникаи ҳарбӣ, силоҳҳои ҷангии сарбозони қисми ҳарбӣ ва суҳбату мулоқотҳо бо толибилмон ба таҳкими шавқмандии ҷавонон ба хидмати ҳарбӣ ва садоқату муҳаббати онҳо ба Ватан мусоидат намуд.*

***Дар акс:** лавҳае аз «Рӯзҳои кушод».*

***Аксбардор: З. УМУРЗОҚОВ (ӮзА).***

# ҚАДАМЕ БА ПЕШ

***Дар вилояти Қашқадарё боз як коргоҳи замонавӣ сохтаву ба истифода дода шуд, ки бо коркарди пӯст машғул хоҳад гашт. Ин коргоҳ дар ноҳияи Мубораки вилоят ҷой гирифта, ба «Кластери қарокӯлии Муборак» мутааллиқ аст.***

Бо ифтитоҳ ёфтани корхона, ки қимати умумии лоиҳаи сохтмонаш 1 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ашёи хоми пӯст ба ҳолати нимтайёр оварда шуда, бо нархи бештаре ба хориҷ содир хоҳад гашт. Дар ин коргоҳ солона 170 ҳазор адад пӯст коркард ва ба маҳсулоти хушсифате мубаддал мегарданд ва дар назар аст, ки аз фурӯши ин миқдор маҳсулот 500 ҳазор доллари ИМА даромади соф ба даст ояд. Харидорони маҳсулоти ин корхона бунгоҳҳои саноатии истеҳсоли пойафзор ва маҳсулоти чармии кишварҳои Русия, Туркия ва Чин буда, алҳол мунтазири дастрас намудани фармоишоти худ ҳастанд.

Дар назар аст, ки минбаъд дар тасарруфи ин коргоҳ фабрикаҳои истеҳсоли пойафзор ва маҳсулоти чармии дигар сохта шуда, маҳсулоти он ба бозорҳои дохилии кишвар ва хориҷи он интиқол ёбанд.

Дар арафаи Соли нав ба истифода дода шудани ин корхона ба мардуми ноҳия хурсандиҳо эҳдо намуд. Дар ин ҷо 60 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

# ҲОҶӢ НАРЗУЛЛОҶОН КӢ БУД?

*Саъдиё, марди накӯном намирад ҳаргиз,*
*Мурда он аст, ки номаш ба накӯӣ набаранд.*
***Саъдии ШЕРОЗӢ.***

Дар давраи аморати Бухоро устои ёвонӣ – Абдураҳим барои кор (шояд амалдорӣ) ба шаҳри Бухоро таклиф карда мешавад. Он гоҳ қисми марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистони имрӯза ба аморат итоат мекард ва он Бухорои Шарқӣ номида мешуд. Ҳукмдорони Ҳисор, Балҷувон, Қӯрғонтеппа, Дарвоз, Қаротегин бекҳои амир маҳсуб меёфтанд. Усто Абдураҳим дар Бухоро бо писари хонадони баобрӯ Қозӣ Миршариф – Рукниддин алоқаи дӯстӣ пайдо мекунад. Вай ба Рукниддин хоҳараш Сафармоҳро никоҳ карда медиҳад. Онҳо соҳиби ду фарзанд – Хосият ва Нарзулло мешаванд. Соли таваллуди Нарзулло 1913 аст. Ҳавлиашон дар рӯ ба рӯйи мақбараи Имом Қозихони Валӣ назди дарвозаи Мазор буд. Болшевикҳо амирро сарнагун карданд. Ҷанг бо босмачиён авҷ гирифт. Дар ин байн Сафармоҳ аз олам даргузашт. Рукниддин ба мақсади аз назари босмачиён дур кардани бачаҳои ятимаш онҳоро ба ҳавлии дигарашон, ки дар мавзеи «Боғи туркон»-и ноҳияи Рометан воқеъ буд, бурда барои ҳимояи худу фарзандонаш дар таги болини сар туфанг гузошта мехобанд. Бевақтии шаб буз аз банд раҳо шуда, болои сари Рукниддин меояд. Ӯ хоболуд онро душман гумон карда, сӯйи вай тир мекушояд ва аз шиддати тарс бемор шуда, баъди се рӯз вафот мекунад. Ҳамин тариқ Нарзуллои 7-сола дар парастории амакаш – Аслиддин мемонад. Сонитар мадрасаи «Мири Араб»-ро хатм мекунад, вале чун мебинад ҳукумати шӯро бо диндорон созиш надорад, курси тракторрониро хонда, чанд сол кор мекунад. Соли 1941 тракторро ба ҳукумат супорида, ба фронт меравад. Дар полки гвардияи 25-ум хидмат карда, дар ҷангҳои шадиди ҳимояи Ярославл иштирок менамояд. Ниҳоят захмдор шуда, ба госпитал меафтад. Азбаски муолиҷаҳо суде намебахшанд, вай бо пойи ланг ба зодгоҳаш – шаҳри Бухоро бармегардад ва бо косибӣ – маҳсию мӯзадӯзӣ машғул мешавад. Сипас, посбони анбор шуда, ниҳоят ба нафақа мебарояд. Сахтии рӯзгор, зиндагии фақирона имконият надод, ки Нарзулло саривақт соҳиби оила гардад. Оқибат соли 1950 дар 37-солагӣ ба Муқаддас Шаҳбоева хонадор мешавад. Аз Нарзулло ва Муқаддасбибӣ ҳашт фарзанд: Асадулло, Зайниддин, Самия, Салима, Садриддин, Салоҳиддин, Шамсиддин, Сабоҳат ба дунё омадаанд.

Бояд таъкид намуд, ки Нарзулло Нуриддинов аз талабагони пешқадами мадрасаи «Мири Араб» маҳсуб меёфт ва Қуръони каримро пурра аз бар намуда, ба мартабаи қорӣ расида буд. Ҳарчанд зиндагии вай ба замони «бехудоӣ» рост омада, он бо дину диндорон чун обу оташ созиш надошт, Нарзуллои маърифатпарвар ҳадди имкон мекӯшид, ки аҳли хонаводаю ҳамдиёрон аз ин ганҷинаи бебаҳои маънавият – асарҳои пурарзиши мутафаккирони Шарқ бебаҳра намонанд. Ҳунарҳои хаттотию саҳҳофӣ ба вай имкон доданд, дурдонаҳои нотакрори маънавӣ – дастхати асарҳои муқаддаси динӣ, илмию адабии бузургони гузаштаамонро, ки бо мурури замон куҳна, парокандаю корношоям ва номукаммал шудаанд, аз нав барқарор кунад.

Тавре фарзандони Ҳоҷӣ Нарзулло гувоҳӣ медиҳанд, замони бачагиашон дар ҳавлии эшон зиёиён, мухлисони илму адаб, наздикон ҷамъ омада, шоҳномахонию, Ҳофизхонӣ, Бедилхонию Навоихонӣ... мекардаанд. Беҳуда нест, ки ҳамаи фарзандони хонадон инсонҳои соҳибфазилат, илмдӯсту фарҳангдӯст, худогоҳу ширинсухан, меҳмондӯсту хушодоб ба воя расидаанд. Ба ибораи дигар тамоми фазилатҳои беҳтарини хоси қавми мо дар рафтору гуфтори онҳо ҳувайдост.

Самия фарзанди нахустини Ҳоҷӣ Нарзулло буда, бо аҳли оилаи худ дар маҳаллаи Ширбадани шаҳри Бухоро будубош дорад. Ӯ идомадиҳандаи анъанаҳои неки хонадон буда, нафақат додарону хоҳарон, балки фарзандону наберагони худро водор месозад, ки бобати илмомӯзӣ, кору зиндагӣ муносиби аҳли хонадон – пайрави бовафои ниёгон бошанд.

Фарзанди калонии онҳо Комилҷон Раҳимовро хуб медонам. Тақрибан бист-бисту панҷ сол муқаддам, ҳангоми мулоқот бо хаттоти машҳури бухороӣ, мударриси мадрасаи «Мири Араб», имом-хатиби масҷиди «Баҳоуддин Нақшбанд» – Ҳоҷӣ Ғафурҷон Раззоқи Бухороӣ, ки ба Комилҷон ҳаққи устодӣ дорад, дар бораи мавсуф бо ифтихор ҳарф зада, ӯро «ояндааш дурахшон» гуфта буд. Ин башорати домулло ҳақ будааст. К. Раҳимов ҳоло корманди калони Институти ховаршиносии АИ Ӯзбекистон, доктори илмҳои таърих, ҷонишини сармуҳаррири маҷаллаи «Нақшбандия», бо асарҳои зиёдаш бобати тадқиқи маърифати исломӣ сазовори мукофотҳои байналмилалӣ гаштааст ва чун исломшинос шуҳрат дорад.

Яке аз сармуҳаррирони собиқи «Овози тоҷик» Абдулло Ҳакимов, писарони вай Акбар Ҳакимов – академики АИ Ӯзбекистон, Зафар Ҳакимов – доктори илмҳои таърих, бостоншинос, сармуҳаррири журнали «Мозийдан садо» низ аз хешовандони наздики Нарзулло Нуриддинов ба шумор мераванд.

Чанде пеш Комилҷон Раҳимов ба муносибати рӯзи вафоти бобояш (с.1981) Ҳоҷӣ Нарзуллоҷон Нуриддинов бахшида ба хотираи вай ба хешу наздикон «оши худоӣ» дод. Дар он мо муваффақ шудем бо нафароне, ки Ҳоҷӣ Нарзуллоро аз наздик мешинохтанд, суҳбат кунем. Яке аз



эшон марди фозили бухороӣ Фозилбобо Идиев буд.

– Китоби куҳнае бо навиштаҷоти арабӣ аз бобоям мерос монда буд. Чанд саҳифаи он дарида, ранги варақҳояш парида буданд. Назди домулло Нарзуллоҷон бурдам. Вай китобро ба даст гирифта, чашм давонду гуфт: «Ин «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аст».

Рӯзи дигар китоби таъмирёфтаи зеборо ба даст гирифта, ҳайратам афзуд: «Наход ин ҳамон китоби фарсуда бошад?!»

***

Барқароршавии муносибатҳои дӯстӣ ва кушодашавии сарҳадҳо боиси эҳёи анъанаҳои пештара – рафтуои халқҳоямон гардид. Моҳи сентябри соли ҷорӣ як гурӯҳ хешовандони тоҷикистонии хонадони Ҳоҷӣ Нарзулло Нуриддинов аз ноҳияи Ёвони Тоҷикистон ба Бухоро омада, чанд рӯз меҳмони фарзандону наберагони инсонҳои ба дилу дидаашон наздик гардиданд.

Ба мо лозим омад, ки ба Бухоро рафта, дар мавзеи «Ситораи Моҳи Хоса»-и шаҳр бо онҳо мулоқот кунем.

Ёдгор Муродалиев, Соҳибназар Муродалиев, Идимоҳ Дурдиева, Мирзосаид Ашуров, Комилҷон Ашуров, Имомиддин Назаров ва дигарон роҳбарони ҳарду ҷумҳуриро дуо карданд, ки сафарашон самараи сиёсати оқилонаи онҳост. Дар байни хешовандон рӯзноманигор Хушвақт Назаров низ ҳузур дошт, ӯ изҳор дошт, ки ният дорад «Шаҷараи ниёгон»-ашонро таҳия намояд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

---

Ба муносибати 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров

# ТОҚИИ ТОҶИКӢ РАМЗИ ҲУВИЯТИ МИЛЛИИ Ӯ БУД

Розия Озод пеш аз он ки писараки дӯстрӯяш Бобоҷонро бори аввал ба мактаб бубарад, барояш чун армуғон тоқии нави тоҷикӣ харид. Писарак ба ҷилои нақшу нигори тоқӣ назар афканда, хаёл дошт, дар сараш хуршед медурахшад. Аз ҳамон айём меҳри тоқӣ бар дилаш нишаст.

Он вақт ӯ аз куҷо медонист, ки рӯзе фаро мерасаду мисли чор гӯшаи тоқияш дару дарвозаи чаҳор қитъаи олам ба рӯяш боз мегардад. Замоне, ки ӯро сарвари Донишкадаи ховаршиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ таъйин намуданд, ҳамроҳи зарууртарин чизҳои шахсӣ тоқиашро низ ба Маскав бурд.



Бобоҷон Ғафуров зимни сафарҳои хориҷӣ, мулоқотҳои расмӣ ва анҷуманҳои байналмилалии илмӣ ҳамеша тоқии тоҷикӣ бар сар дошт. Вай, ки сиёсатмадори пуртаҷриба, хирадманду дурандеш, рамузфаҳм ва дорои ифтихори баланди миллӣ буд, бо ин амали хеш гуфтан мехост: «Ман намояндаи давлати Иттиҳоди Шуравиям, аммо фарзанди тоҷикам, аз нажоди Рӯдакиву Синоям...»

Доктори ифтихории чандин донишгоҳҳои бонуфузи хориҷӣ, узви ҷамъиятҳои илмии кишварҳои Ҳиндустон, Фаронса, Эрон, Маҷористон ва раиси бисёр созмонҳои байналмилалии илмӣ дар ҳалқаи олимони номдори ҷаҳон низ бо тоқии тоҷикӣ менишаст.

Ҳамагон медонистанд ӯ тоҷикест, ки илми шарқшиносии Шуравиро ба пояҳои баланд бардоштааст ва муҳимтар аз ҳама таърихро бо муҳаббати зиёд ва содоқати фарзандӣ тадқиқ менамояд.

Воқеан, Бобоҷон Ғафуров аввалин муаррихест, ки дар асри XX ба бинои таърихнигории нави илмӣ дар Тоҷикистон асос гузошт ва сипас мақолаву асарҳои зиёди илмиашро чун хиштҳои тиллоӣ рӯйи деворҳои он барчид. Агар Фирдавсӣ Аҷамро бо забони нобу шевои назми дарӣ-тоҷикӣ зинда карда бошад, ӯ бо таълифи асари бузургаш «Тоҷикон» онро бо забони ҳазорон ҳуҷҷатҳову аснод ва бозёфтҳои нодири бостоншиносӣ умри абад бахшид.

Ин корномаи беназири илмии ӯро бисёр донишмандони дараҷаи аввали Осиёву Аврупо мавриди ситоиш қарор додаанд.

Аллома солҳои зиёд зимни вохӯрӣ ва суҳбату мулоқот бо роҳбарони давлатҳои гуногун ҳамеша бо тоқии тоҷикӣ буд. Соли 1968 Сарвазири Ҳиндустон Индира Гандӣ, ҳангоми супурдани Ҷоизаи байналмилалии ба номи Неҳру бо як табассуми ҳалиму гуворо ва нигоҳҳои саршори эҳтиром ба тоқии сараш менигарист. Дар як мулоқоти дигар аз академик хоҳиш мекунад, ки ба китобаш, ки бояд дар Маскав интишор гардад, сарсухан нависад. Ин хоҳиш аз ҷониби олим бо мамнуният пазируфта мешавад.

Бобоҷон Ғафуров дар сафарҳояш маданияти баланд, расму оини шарқӣ, дониши амиқ ва маърифати олии сиёсатмадориро намоиш медод. Сарвари Арабистони Саудӣ зимни мулоқот аз фарҳанги баланди исломии ӯ ба ваҷд меояд. Ӯ бо тӯппии тоҷикӣ дар сар маносики ҳаҷро ба ҷо меоварад. Донишманди бузург муборизи роҳи озодии халқи курд Мустафо Барзаниро мебоист ба сулҳу оштӣ ва мусолиҳаи миллӣ водор месохт. Барзанӣ аввал ба ин мулоқот ризоият намедиҳад. Аммо чун мефаҳмад, ки миёнҷӣ шахси мусалмон ва дорои мартабаи баландест, ба мулоқот меояд. Симои ором, муносибати гарму самимӣ ва тоқии миллӣ Барзаниро сахт мутаҳаййир месозанд. Олим медонист, ки забони тоҷикию курдӣ решапайванд ва ба ҳам наздиканд, бинобар ин, дар аввал ба тоҷикӣ чанд ҳарфи лутфомезе мегӯяд. Барзанӣ баробари шунидани суханони ӯ даст рӯйи сина ниҳода мегӯяд: «Хуш омадӣ, бародари азиз!».

Бобоҷон Ғафуров соли 1975 ба Покистон сафар мекунад ва чун аз самолёт бо тоқии тоҷикӣ берун меояд, истиқболгирандагонаш бо шодмонӣ:

«Ана, Бобоҷон Ғафуров омад!» гӯён хурсандӣ мекунанд. Ин сафар ба як анҷумани дӯстӣ ва илмӣ табдил меёбад ва устоди Донишгоҳи Равалпиндии Покистон Сафӣ Ҳайдари Дониш ба ифтихори боздид аз Бобоҷон Ғафуров бо номи «Таронаи Истиқбол» шеъре иншо мекунад, ки ин чанд байт аз он аст:

*Надими бебаҳо Бобо,*
*муҳаббатро зиё Бобо,*
*Ҷамоли дилкушо Бобо,*
*камоли ҷонфизо Бобо.*
*Назарро равшанӣ Бобо,*
*хирадро зиндагӣ Бобо,*
*Суруди тозагӣ Бобо,*
*насими дӯстӣ Бобо.*
*Саросар домани завқи*
*адабро пургуҳар дорад,*
*Каломи Ғолибу Иқболу Хусрав*
*дар назар дорад.*

Вақте ки аллома дар бемористони Душанбе бистарӣ буд, низ пайваста тоқии тоҷикӣ дар сар дошт. Чун дилаш аз тапиш бозмонд, ӯро дар тобут бо тоқии тоҷикӣ гузоштанд.

Ҳазорон сокинони ҷумҳурӣ, ҳайатҳои донишмандон аз Маскав, Осиёи Марказӣ, Қафқоз ва ғайра бо ӯ бо андӯҳи зиёд видоъ мекарданд. Дар ин ҷамъомади мотам аз номи донишмандони Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ суханони видоӣ гуфта, аз ҷумла изҳор дошт, ки «як шамъи фурӯзони хиради тоҷик хомӯш шуд».

Тоқии тоҷикии Бобоҷон Ғафуров то хонаи охират дар сараш буд...

**Аз китоби**
**«Дар фарози қуллаҳо»-и**
**Раҷабалӣ Қудратзода.**

---

# *БА МО МОРО ШИНОСОНД*

***(Ба ифтихори ҷашни академик Бобоҷон Ғафуров)***

*Ба бобоҳо бинозу соз ихлос,*
*К-аз онҳо монд таърихи ба худ хос.*
*Ту худ бишносу Бобоҷон Ғафуров,*
*Ки «Тоҷикон» зи худ бигзошт мерос.*
***
*Чу нури илм чун тобид, дидем,*
*Чу ахтарпора чун рахшид, дидем.*
*Зи нури маърифат бар тиратаърих,*
*Чи сон ӯ равшанӣ бахшид, дидем.*
***
*Ба мо Суғду Бухороро шиносонд,*
*Спитомену Дороро шиносонд.*
*Натанҳо миллати моро ба дунё,*
*Ба мо, айни замон, моро шиносонд.*
***
*Фани мо, илми моро буд ӯ сар,*
*Чу мо будем сар, ӯ буд сарвар.*
*Ба дил, бар ҷони мо эҳсоси миллӣ*
*Муҳаббат буд агар, ӯ буд маҳзар.*
***
*Чу «Тоҷикон» бигирад даст тоҷик,*
*Ҳазорон шукри дунё, ҳаст тоҷик.*
*Зи ӯ рӯҳи ниёгон ҳаст розӣ,*
*Ба таърихи куҳан пайваст тоҷик.*
***
*Ту шояд доктори илми таърих,*
*«Ғурур»-у «ифтихор»-и илми таърих,*
*Чу «Тоҷикон» надорӣ, ҳамзабонам,*
*Надорӣ ту мадори илми таърих.*

***Ш. МУҲАММАД.***

---

# ДАР ҚАРОКӮЛ – МАВЗЕИ «ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ»

***Маълум аст, ки мувофиқи фармон Президент, аз 9 декабри соли 2021, «Дар бораи чораҳои бунёди мавзеи «Ӯзбекистони Нав» ва таъмин кардани рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо ва ноҳияи Қарокӯл барои мавзеи нав ҳудуди Дурмон интихоб шуда буд.***

Дар натиҷаи бунёдкориҳои васеъмиқёс имрӯз чун рамзи ифодаи ғояи «Баҳри қадри инсон» мавзеи Ӯзбекистони Нав қад боло кард. Дар 12 маҷмӯаи иморатҳои бисёрошёна, ки барои 250 хонадон пешбинӣ шудааст, аллакай бисёр оилаҳо кӯчида омаданд. Дар давраи сипаришуда дар ин ҷо мактаб (барои 330 нафар), муассисаи таълими томактабии давлатӣ (барои 240 нафар), дар асоси шарикии давлатию хусусӣ боғчаи замонавии бачагон (дорои 120 ҷой), бинои поликлиникаи оилавӣ (имконияти қабулаш 100 нафар) бунёд гардид.

Моҳи октябри соли ҷорӣ дар мавзеъ мактаби таҳсилоти умумии рақами 53 ба фаъолият оғоз кард. Ин бинои сеошёна, ки дорои ҳама гуна қулайиҳост, аз ҷониби Кумитаи давлатии гумрук ба ивази қариб 13 миллиард сӯм маблағ бунёд гардидааст.

Маросими кушодашавии мавзеъ баргузор гардид. Дар он ҳокими вилоят Ботир Зарифов ва мутасаддиёни дахлдор, собиқадорони меҳнат, фаъолони маҳалла иштирок карданд. Собиқадори меҳнат Файзулло Беҳбудов ва дигарон ба сухан баромада, ҷамъомадагонро бо ин бунёдкориҳои муҳими замон муборакбод намуданд. Куҳансолон даст ба дуо бардошта, барои ин ғамхорӣ ба Сарвари давлат сипосгузорӣ карданд. Лентаи рамзӣ бурида шуда, ҳозирон сӯйи мавзеи нав қадам ниҳоданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти БУХОРО.*

---

# «СЕНТОБ» – КИТОБИ ХОНДАНӢ




***Солҳои охир ҷевони китоби моро китобҳои гуногунмавзӯъ ғанӣ мегардонанд. Ба қарибӣ китоби Деҳқонбой Қудриддинов бо номи «Сентоб» аз тариқи нашриёти «Chinor fayzi baland»-и Тошканд ба забони давлатӣ рӯйи чопро дид.***

Номбурда филолог, корманди соҳаи ҳуқуқу тартибот буда, худ зода ва парвардаи деҳаи Синтоби ноҳияи Нуратост. Ҳоло дар вазифаи раиси ҷамоати собиқадорони хидмати гумруки ҷумҳурӣ кор мекунад.

Рисола аз даҳ қисм – «Муқаддима», «Синтоб деҳаи сайёҳӣ», «Тараққиёти хоҷагии деҳот», «Инкишофи тиб ва таълими халқ», «Рушди техника», «Комёбиҳои савдову бозор ва мағозаҳо», «Ободгардонии Мирзочӯл» ва ғайра иборат аст.

Он бо пешгуфтори ҳокими ноҳияи Нурато Азамат Файзиев таҳти унвони «Сентоб – деҳаи бемисле, ки сайёҳонро ба худ ҷалб менамояд» оғоз меёбад.

«Солҳои охир, — менависад ҳокими ноҳия, — дар Ӯзбекистони Нав аз ҷониби Президент Шавкат Мирзиёев ба инкишоф додани сайёҳии хориҷӣ ва дохилӣ эътибори зиёд дода мешавад. Ин аст, ки дар кишвари мо самти сайёҳӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои устувор рушд ёфт.

Ба хусус замини Нурато, ки дар мамлакатамон бо зиёратгоҳҳои қадимӣ, кӯҳсори пурвиқор, дашту саҳроҳои беҳудуду бепоён, кӯлу ҳавзҳои бузург, ҳавои тозаву мусаффои худ мавқеи сазовор дорад, агар гӯем, ки ба маскани боиси эътибори зиёди сайёҳон табдил меёбад, муболиға намешавад.

Яке аз ин гуна ҷойҳои диданиву ҷолиб деҳаи Синтоб аст. Он дар қисмати шимолии силсилакӯҳҳои Нурато маскан гузида, бо ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах ҳамҳудуд мебошад. Дар ин ҷо тақрибан 3 ҳазор нафар аҳолӣ истиқомат мекунанд, деҳа бо таърихи куҳан, мероси маданӣ, гузаштаи дури худ, ҳувиятҳои миллӣ, урфу одатҳои бостониаш, ки то ҳол ҳифз шудаанд, аз деҳоти дигар тафриқа дорад».

Синтобро мардуми маҳаллӣ «Синтаб» ҳам меноманд. Рисолаи мазкур дар бораи таърихи деҳа, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, таркиби авлод (уруқ), урфу одат, тӯю маърака, шахсиятҳои машҳур, инчунин онҳое, ки баъдан дар вазифаҳои баланди гуногун кор кардаанд, гоҳ муфассал ва гоҳ мухтасар ҳикоя мекунад.

Ба таъбири номзади фанҳои таърих Баҳриддин Рӯзиев, ки барои он сарсухан навиштааст, «Рисоларо ҳар як хонанда мутолиа карда, воқиф мегардад, ки мардуми Синтоб бениҳоят меҳрубону заҳматкаш мебошанд. Де-ҳа, ҳарчанд хурд аст, дар он инсонҳои бузургу фидокор ва бомаърифат ба камол расидаанд, ки умри худро барои ривоҷу равнақи Ватан нисор намудаанд».

Рисола аз фактҳои ҷолиб фаровон аст.

Бо Фармони Президент ва қарори Девони Вазирон ба Синтоб дода шудани мақоми деҳаи сайёҳӣ ва ба феҳристи деҳаҳои сайёҳии Созмони Милали Муттаҳид дохил шудани он муҳаббати тамоми сокинони онро нисбат ба Ватани бузург дучанд мекунад.

Дар ду мактаби миёнаи деҳа таълим ба забони тоҷикӣ сурат мегирад. Аз ин сарзамини дурдасту қадимии кӯҳистон донишмандон, муарриху меъморон, шоиру нависандагон, муҳандису варзишгарон, инсонҳои ҳунарманду соҳиби касбу пешаҳои гуногун ба камол расидаанд. Ҷойи зикр аст, ки аҳли ин деҳаи кӯҳӣ забони модарии худро чун гаҳвараки чашм пос медоранд. Забону адабиёти форсизабонони ин минтақа побарҷост.

«Замини сахти кӯҳистон дили нармам ато кардааст», – мефармояд шоири зиндаёд Лоиқ Шералӣ. Воқеан, замину табиати дилкашу босахои кӯҳистон дилҳоро ҳассосу шеърпарвар мегардонад. Донишманде беҳуда нагуфтааст: «Шахсони бузург дар деҳот таваллуд шуда, дар шаҳрҳо ба камол мерасанд».

Синтоб аз ҷумлаи деҳаҳоест, ки таъбири фавқро тасдиқ мекунад. Ин деҳаи кучаку зебо фарзандонеро ба воя расондааст, ки ифтихори мардуми он мебошанд. Дар рисолаи «Сентоб» дар бораи ҳар кадоми онҳо маълумот ҳаст.

Умумун, китоби «Сентоб» барои онҳое, ки мехоҳанд аз таърих, сарнавишт, пешрафт ва имрӯзу фардои деҳаи қадима огоҳӣ дошта бошанд, дархур ва шавқовар аст.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

---

## *НУРАТО – ҒОЛИБИ МУТЛАҚ*

***Ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ дар озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин ноҳия ва шаҳри намунавӣ» ғолиби мутлақ гардид. Барои қабули туҳфаи Президент намояндагони аҳли ҷамоаи ноҳия ва варзишгароне, ки номи ноҳияро дар саросари кишвар ва ҷаҳон муаррифӣ кардаанд, дар назди Маҷмӯаи таърихӣ-меъмории «Чашма» ҷамъ омаданд.***

Туҳфаи Президент – автомобили сабукрави «Дамас» ва китобҳоро ба миқдори 15 миллион сӯм ҳокими ноҳия Азамат Файзиев қабул намуд.

А. Файзиев аҳли ноҳияро ба муносибати пирӯзӣ дар озмуни ҷумҳуриявӣ ва Соли нави фарорасида муборакбод гуфт.

Намояндагони варзидаи варзиш бо «Ифтихорнома»-и ҳокими ноҳия ва туҳфаҳо сарфароз гардонида шуданд. Савту сурудҳои санъаткорони ноҳия иштирокдорони тадбирро рӯҳбаланд намуд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН.**
*Вилояти НАВОӢ.*

---

## *ҶАШНИ РӮЗНОМАҲОИ ВИЛОЯТӢ*

***Дар толори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва мероси фарҳангии «Роҳи абрешим»-и Самарқанд бахшида ба 110-солагии таъсиси рӯзномаҳои вилоятии «Зарафшон» ва 105-солагии «Самаркандский вестник» тадбири маърифатӣ баргузор гардид.***

– Истиқболи 110 ва 105-солагии ду рӯзномаи вилоятӣ ҷашни аҳли фарҳанги вилоят аст, – гуфт ҷонишини ҳокими вилоят З. Раҳмонова. – Дар ин даргоҳи муқаддас инсонҳои заковатманд, олимони маърифатпарвар эҷод кардаанд. Шояд як аср дар назди таърих фурсати кӯтоҳ бошад, аммо дар ин давр рӯзномаҳои «Зарафшон» ва «Самаркандский вестник» ба мардум маърифату маънавият паҳн карданд. Бо ҳаёт ҳамнафас гардида, баҳри рушди ҷамъият саҳмгузорӣ намуданд.

Дар анҷом ба як гурӯҳ мухбирони фаъоли ҷамоатии рӯзномаҳо ташаккурнома ва туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**




## ҶАШНГИРИИ СОЛИ НАВ

Соли нав аз идҳост, ки онро анқариб дар саросари ҷаҳон таҷлил мекунанд. Вале таҷлили он дар байни ҳар як халқ ба тарзи хосса аст.

Урфу одатҳои солинавӣ – тайёрӣ ба қайдкунии Соли нав дар ҳар оила чанд рӯз пеш аз ид сар мешавад. Одамон хонаҳо, дарахти арчаро зебу оро медиҳанд ва мизи идона рост менамоянд. Ҳарчанд баъзе маҳсулот дар тамоми ҷаҳон паҳн шудаанд, анъаноти халқҳои гуногун ба интихоби хӯрокҳои мизи идона таъсири худро гузоштааст.

Чунончӣ, ҷопониҳо хӯрокро аз маҳсулоте омода мекунанд, ки, ба ақидаи онҳо, хушбахтӣ меоранд: аз карами баҳрӣ (шодӣ), аз лӯбиёву нахӯд (саломатӣ), аз моҳии ҷӯшонидашуда (оромиву рӯҳбаландӣ) ва ғайраҳо.

Дар рӯйи мизи идонаи мардуми Австрия, Венгрия, Сербияю Хорватия тақрибан ягон навъи хӯрокро аз гӯшти парранда наметавон дид: аҳолии ин кишварҳо чунин мешуморанд, ки хушбахтӣ метавонад парида равад.

Дар шаби Соли нав кубагиҳо, испаниҳо, португалиҳо бояд 12 дона ангур бихӯранд, то 12 орзуяшон ҳар кадом дар як моҳ ҷомаи амал пӯшад. Ангур барои ин халқҳо рамзи фаровонӣ ва хушбахтии оилавӣ мебошад.

Чормағз, мош ва ангур барои итолиёвиҳо рамзи саломатӣ, комёбӣ ва дарозумрист.

Дар Русия бошад, қариб ҳар як мизи идонаро пирог, карамшӯрбо ва таом аз моҳӣ оро медиҳанд.

Дар мизи идонаи мардуми Словакия ва Чехия ҳатман бояд карам бо ҳасиб, моҳӣ, шӯрбои замбӯруғӣ, печенеи асалӣ бо шир бошанд.

Иди Соли навро дар Фаронса метавон иди «сафедиҳо» номид. Дар рӯйи миз шамъи сафед дар шамъдонҳои сафед, меваҳои тару тозаи бо шакар рӯйкашшуда гузошта мешаванд.

Дар Италия ҳам таомҳои анъанавии солинавӣ мавҷуданд. Масалан, дар Болония, ин пироги гӯштӣ бо қаймоқ аст, ки номаш торгелинист.

Дар Полша ба мизи ҳатман бо дастархони сафед орододашуда 13 намуди хӯрок гузошта мешавад. Хӯроки солинавӣ аз шӯрбои моҳӣ ё замбӯруғ сар мешавад. Баъд паси ҳам: карам бо замбӯруғ, пирог, моҳӣ бо соуси ширин ва ғайраро меоваранд. Аз ҳама охир печене, шарбат ва меваҷот ба дастархон гузошта мешаванд.

Иди Соли нави милодӣ бо фармони император Гай Юлий Сезар 1 январи соли 46-уми то милод дар Рими қадим ҷорӣ шуда буд. Моҳи январ аз номи Янус – худои дурӯя, таҷассумгари дару дарвоза ва нахустин корҳо гирифта шудааст.

Аз соли 1700 бо фармони император Пётри I Соли нав дар Русия чун дар Аврупо 1-уми январ (мувофиқи солшумории юлианӣ) таҷлил карда мешавад.

Аз соли 1919 ҷашни Соли нав дар Русия мувофиқи солшумории григорианӣ таҷлил мегардад. Дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ аз соли 1947 санаи 1-уми январ рӯзи истироҳат эълон шуда буд, ки то ҳол баъди пош хӯрдани он ҳам амал мекунад.

Дар Ӯзбекистони соҳибистиқлол низ анъанаи таҷлили Соли нави милодӣ идома дорад ва санаи 1-уми январ дар қаламрави ҷумҳурӣ рӯзи истироҳат мебошад.

Таҳияи
**Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА.**




Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1225.
Адади нашр 4527. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.40

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.